**Мавзуи 10. 2.**

***Фаъолияти ашёги***

Фаъолияти пешбаранда дар ин давра фаъолияти ашёги ба хисоб меравад, ки ба инкишофи психикаи кудак мусоидат мекунад. Фаъолияти ашёги чунин сурат мегирад :

1. Амал кардан бо ашёхои гуногуни рузгор.
2. Амалиётхои бози.

Дар аввал кудак бо ашёхои рузгор амал карда вазифахои хар як ашёро меомузад ва аз чихати маънави-ахлоки инкишоф меёбад, яъне он олотхое, ки барои хурок хурдан, шустушуй кардан, нишастан ва гайрахоро азхуд мекунад ва мефахмад, ки кошук барои хурдан, собун барои шустан, курси барои нишастан ва гайра лозим аст.

Агар кудак амалиётхои маънави-ахлокиро азхуднакунад дар байни одамон зиндагони карда наметавонад. Ин гуна амалиётхоро омухта кудак ба монанди дигар одамон рафтор мекунад. Бо рохи таклидкори ва мустакилона кудак амалхоро азхуд мекунад. Мисол: аз худ кардани кошук аз руи мушохида.

Аксарияти амалхои маънави-ахлокии зери назорати калонсол ичро мешавад ва дар охири давраи барвакти бачаги, яъне дар 3 солаги дар кудак бухрон ба вучуд меояд, ки ин натичаи фаъолияти ашёги буда, азхуд кардани ашё ва амал карда тавонистани онро муайян мекунад. Дар кудак хохиш пайдо мешавад, ки бо ашёхо мустакилона амал карда нишон дихад, ки у низ ба монанди калонсол ашёро истифода бурда метавонад. Бо ашёхое, ки кудакро ихода мекунанд амал кардан ба инкишофи психикаи кудак таъсир мерасонад, шахсияти уро муайян мекунад. Бо ашёхои гуногун амал карда у ба худ хизмат мерасонад, мехнатро азхуд мекунад, дониш пайдо мекунад, расмкаширо меомузад, дар у амалиётхои бози бавучуд меояд. Мисол: хобонидани лухтак, тартибдодани хонача аз кубикхо, шустани либоси лухтак, шинохтани рангхо ва гайра. дар рафти фаъолияти ашёги муоширати нуткии кудак баркарор мешавад, кудак ба маънои «ин кори хуб», «ин корро кардан мумкин нест»-ро сарфам рафта тарзи бо одамони атроф , бо ашёхо муносибат карданро меомузад ба коидахои рафтор риоя мекунад.